# Тақризи мушовири илмӣ

Ба диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзуи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз мухлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ” барои пешниҳод ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Заминҳои обии ҷумҳурӣ манбаи асосии истеҳсоли маҳсулотҳои ғизои ба шумор рафта, парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ аз ҷиҳати иқтисоди фоидаовар буда, аҳолии кишварро бо равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин намуда, ҳамчун зироати лубиёгӣ аҳамияти агротехники дошта, ҳосилхезии хокро баланд мебардорад ва баргу пояаш барои рушди чорводори аҳамияти муҳим дорад.

Кори диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои асосии соҳаи аграрии ҷумҳурӣ, руёнидани 2 ҳосили дон дар як сол бахшида шудааст. Таҳқиқоти гузаронидаи у асосан аз омузиши баъзе усулҳои технологияи парвариш, аз ҷумла муайян намудани мухлати мусоиди кишт ва зичии муътадили ниҳолҳои чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ баъд аз ҷамъоварии зироати ҷав дар шароити Тоҷикистони Марказӣ иборат мебошад.

Аз ҷониби Бегназаров Давлатманд Бобошоевич пеш аз оғози корҳои илмию таҳқиқоти мавзӯъ, роҳбари илмӣ, барномаи корӣ таҳия намуда, дар корҳои таҷрибавӣ ва ҷамоварии маълумотҳои илмӣ иштирок намуда, натиҷаи он дар ҷаласаҳои шуъбаи зироатҳои равғандиҳанда, Шӯрои методӣ ва Шӯрои илмии муассиса муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Диссертатсияро шахсан худи муаллиф иҷро намуда, натиҷаҳои илмии бадастовардашуда низ таҳқиқоти мустақилонаи ӯ мебошад. Дар давоми ҳамаи давраҳои таҳқиқот муаллиф иҷрокунандаи асосии он буда, дар ин замина кори диссертатсияро пурра ба анҷом расонидааст. Ӯ асосноккунии илмии мушкилот, барномаи таҳияшуда ва усули таҳқиқот, мавзеи таҳқиқотро барои гузоштани таҷрибаи саҳроӣ бо истифодаи технологияи баъзе усулҳои парвариши зироатҳои минтақабобшудаи маҳалии чормағзи заминии навъҳои “Тоҷики - 15” ва ҷави “Пулодӣ”- ро иҷро намудааст.

Корҳои таҳқиқотии муаллиф асосан дар кишти ангорӣ бо чормағзи заминии навъи “Тоҷики - 15” гузаронида шуда, технологияи парвариши он, аз ҷумла мухлати мусоиди кишт ва зичии ниҳолҳои муътадил барои заминҳои Водии Ҳисор муайян карда шудааст, ки ин барои самаранок ва

оқилона истифода бурдани заминҳои обёришавандаи ин минтақаҳо ва руёнидани 2 – ҳосили дон дар як сол ба анҷом расонида шудааст. Дар диссертатсия маводҳои ҳарсолаи натиҷаи таҳқиқотҳои баанҷомрасида, бақайдгири ва мушоҳидаҳои фенологии таҷрибаҳои саҳроии муаллиф оварда шудааст. Санадҳои апробатсияи натиҷаи корҳои таҳқиқотии таҷрибаҳои саҳрои дар замимаҳои диссертатсия пешниҳод гардидааст.

Дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳрои дар шароити заминҳои обии минтақаи Ҳисор аз ҷониби муаллиф муҳлати мусоиди кишт ва зичии муътадили ниҳолҳои чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ таҳия гардид, ки рӯёнидани то 3,3 т/га ҳосили ғилофакҳо, 27 т/га анбуҳи сабз ва 0,9 т/га равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъмин менамояд. Технологияи илман асоснокшудаи парвариши чормағзи заминӣ дар хоҷагии таҷрибавии ба номи Дзержинский-и шаҳри Ҳисор дар майдони 3 гектар татбиқ карда шудааст.

Мавзуъи таҳқиқотии интихобнамудаи муаллиф аз ҷиҳати муҳимӣ, навгонии илми ва арзиши амалӣ ба талаботи имрӯзаи соҳаи кишоварзии мамлакат ҷавобгуй буда, ба иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбӣ мерасонад ва барои истеҳсоли маҳсулотҳои ғизои мусоидат менамояд.

Чунин мешуморам, ки муаллиф Бегназаров Давлатманд Бобошоевич бо меҳнати худ ба рушди илмӣ соҳаи зироатпарварии ҷумҳурӣ саҳми арзанда гузоштааст. Кори диссертатсияи у дар мавзуъи "Маҳсулнокии чормағзи замини дар кишти ангорӣ вобаста аз мӯҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ" ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаии илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Мушовири илмӣ
Доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессори кафедраи зироаткорӣ
ва истеҳсоли хуроки чорвои
ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Норов М.С.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки,146
Имзои Норов М.С. – ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо Раджабова Н